«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Данғара, д.и.и. Хайрзода Ш.Қ.
______________________
«06» 02 2023

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА

Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна таҳти унвони «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ дар кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ба анҷом расидааст.

Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна соли 2003 факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намудааст. Солҳои 2017-2020 дар шуъбаи аспирантураи Донишгоҳи давлатии Данғара таҳсил намудааст.

Роҳбари илмии аспирант доктори илми филология, профессор Саидҷаъфаров Озод Шовалиевич мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар ҷаласаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара аз 05.02.2019, суратмаҷлиси №7 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ ( таърих ва фалсафаи илм аз 25.12.2020 бо баҳои «хуб», забони хориҷӣ аз 17.04.2021 бо баҳои «аъло») аз тарафи Донишгоҳи давлатии Данғара дода шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Диссертатсия ба таҳқиқи афкори назарӣ-адабӣ ва интиқодии «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» бахшида шуда, дар сатҳи хуби илмӣ-назариявӣ таълиф ёфтааст. Рисолаи мазкур дар сатҳи баланд таълиф шуда, аз назари муҳтаво масъалаҳои чигунагии шеъру ҳунари шоира, таснифу табақабандии шеър аз назари моҳият, тарзу баёни шоир

дар шеър, санъатҳои бадеӣ, арӯз, қофия, нақди адабӣ ва амсоли инҳоро дар бар мегирад.

Аз омӯзиши рисолаи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» возеҳ мегардад, ки дар он баъзе масоили дастнохӯрда мавҷуд аст, ки таҳқиқи онҳо моҳиятан арзиши баланди илмию таълимӣ доранд. Бинобар ин пажӯҳишу таҳқиқи рисолаи Ашур Сафар аз диди наву муосир саҳифаи тозае дар адабиётшиносии тоҷик хоҳад буд.

Диссертатсия аз муқаддима, чор боб (иборат аз 13 фасл), хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ аз рисолаи мавриди назар масоили асосӣ ва аввалдараҷаи таҳқиқ, омӯзиши мавқеи ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар буда, омӯзиши мавзуъҳои марказӣ дар эҷодиёти шоир, пажӯҳиши асоситарин воситаҳои тасвири бадеӣ дар ашъори Ашур Сафар ва ҳамчунин, баррасии хусусиёти сабкиву услубии эҷодиёти ин шоири хушсалиқаи тоҷик вазифаи аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Дар иртибот бар ин хусусиятҳо дар таҳқиқот масъалаҳои зерин мавриди пажӯҳиш қарор гирифтаанд:

- Жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар мақоми хосса дошта, миёни дигар жанрҳои суннатӣ ва, ҳамчунин, шаклҳои нави шеърӣ ҷилваи махсус дорад.
- Дар ғазалиёти Ашур Сафар мавзуъҳои марказӣ ва ҳукми калидӣ дошта – инҳо мавзуи Ватан ва ватандӯстӣ, таблиғи сулҳу ваҳдат, тасвири ишқу муҳаббати самимӣ, бузургдошти зан-модар, андешаҳои пандуҳикматӣ ва ҳаҷву мутоибаҳои шоир ба ҳисоб меравaнд.
- Ғазалиёти Ашур Сафар, умуман, дар панҷ навъи вазни маъруфи шеъри форсӣ: се баҳри аслӣ - ҳазаҷ, раҷаз, рамал ва ду баҳри фаръӣ - музореъ ва мунсареҳ истифода гардидаанд.
- Дар ғазалиёти Ашур Сафар хусусияти аз ҳама назаррас дар мавриди корбурди қофия – ин такрори қофия мебошад. Дар ғазалҳои

шоир баъзан калимаи қофияшаванда аввалан дар миёни мисраи қаблӣ омада, баъдан, шоир онро ҳамчун қофия истифода мебарад.

- Дар ғазалиёти Ашур Сафар нақши радиф басо назаррас аст. Дар қисмате аз ғазалҳои Ашур Сафар ҷанбаи назарраси мусиқибахшии радиф бештар эҳсос мешавад.

- Аз нигоҳи сабку услуб ғазалиёти Ашур Сафар содаву равонанд. Дар ғазалиёти Ашур Сафар печидагӯйиву мушкилбаёнӣ ба чашм намерасанд ва кулли ғазалҳои ӯ дархӯри фаҳм мебошанд. Яке аз нишонаҳои назарраси сабкию услубӣ ва далолаткунандаи содагию равонии забони ғазалиёти Ашур Сафар – ин корбурди унсурҳои халқӣ ба ҳисоб меравад. Унсурҳои мазкур бештар хосси забони гуфтугӯйӣ мебошанд, ки ин аз майли халқӣ доштани шоир далолат менамояд.

- Дар ғазалиёти Ашур Сафар, ҳамчунин, чанд хусусияти дигар мушоҳида мешаванд, ки онҳоро метавон нишондиҳандаи сабки фардии шоир муаррифӣ кард. Аз ҷумлаи ин хусусиятҳо корбурди вижаи муколама, такрори вожаҳо дар матни ғазал, ба кор бурдани феълҳои махсус, ки марбут бар услуби классикон мебошанд, ба ҳисоб меравандтар.

- Миёни кулли орояҳо ё воситаҳои тасвири бадеӣ дар ғазалиёти Ашур Сафар мақоми назаррасро санъатҳои тамсил ва талмеҳ ишғол намуда, сутунҳои устуворро дар тасвирҳои шоиронаи вай ташкил медиҳад. Дар ғазалҳои шоир, ҳамчунин, санъатҳои ташбеҳ ва истиора ҷилваи хос дошта, дар ҷанбаи тасвирӣ гирифтани образҳову мазмунҳои шоирона мавқеъ доранд.

**Нововарии таҳқиқ** дар он зоҳир мегардад, ки дар рисола бори нахуст дар таҳқиқоти вай дар адабиётшиносии муосири тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон ба баррасии вижагиҳои гуногунпаҳлуи ғазалиёти эҷодиёти Ашур Сафар дар шакли диссертатсияи алоҳида таваҷҷуҳи махсус зоҳир нашуда буд. Бинобар ин, метавон гуфт, мавзуи интихобнамуда ва масоили матраҳнамудаи муаллиф дар адабиётшиносии тоҷик нахустин бор дар шакли диссертатсияи комил ҳалли пурраи худро ёфта, дар

иртибот бар ин бори аввал хусусиятҳои сохторию шаклӣ, мавзуию мундариҷавӣ, ғоявӣ, поэтикӣ, сабкӣ ва бадеии ғазалҳои Ашур Сафар ба таври монографӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Арзиши назарии таҳқиқ.** Аҳамияти назариявии таҳкиқ аз он иборат аст, ки хулосаҳои диссертатсия ва маводи он метавонанд дар таҳқиқи адабиёти ҳамин давра, бахусус, пажӯҳиши жанри ғазал дар нимаи дуюми асри гузашта ва ибтидои истиқлол мавриди истифода қарор гиранд. Маводи диссертатсия ва андешаҳои назарии муаллифи он дар такмили масоили назариявии адабиётшиносӣ, ҳамчунин, вижагиҳои сохторию мундариҷавии жанри адабӣ, таҳлили сабкшиносии матнҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавонанд мусоидат кунанд. Бинобар ин, шиносоӣ бо мавқеи ғазал дар эҷодиёти пурмуҳтаво ва гуногунмавзуи Ашур Сафар, ашъори аз ҳайси навъу жанр рангин, тарзи корбурди васоити мухталифи тасвири бадеӣ ва сабку услуби суханпардозии вай дар омӯзиши раванди шеъру адабиёт дар авохири ахди шӯравӣ ва даврони истиқлолият барои қисмати назарияи адабиёт ва сабкшиносии адабиёти муосири тоҷик маводди тоза дода, кумаки кобили таваҷҷуҳе хоҳад кард.

**Арзиши амалии таҳқиқ.** Аҳамияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳову хулосаҳо ва маводи илмии диссертатсия дар таҳқиқи амалии адабиёти интиҳои давраи шуравӣ ва ибтидои даврони истиқлоли тоҷик, омӯзиши жанри ғазали муосир қобили истифодаанд. Маводу масоил ва натиҷагириҳои алоҳидаи диссертатсияро, ҳамчунин, дар навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳову васоит, мураттаб сохтани барномаҳои дарсӣ аз курси адабиёти муосир, таҳияи курси лексияҳо оид ба таърихи адабиёт, курс-семинарҳо роҷеъ ба жанрҳои адабӣ ва амсоли инҳо метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар мақолаҳои илмӣ аз ҷумла 6 мақолае, ки дармаҷаллаҳои илмии такризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи

олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос гардидааст.

Ҳангоми баррасии диссертатсияи аспирант аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ ба ду ҷанбаи он ҳамчун ҷанбаи норасоӣ ишора шуд, ки яке ба мукаммалтар намудани дараҷаи омӯзиши мавзуъ ва дигаре ба ҷо доштани ғалатҳои имлоиву китобат дахл доштанд. Бо дарназардошти эътирофи ин норасоиҳо ва бартараф намудани онҳо аз тарафи муаллифи диссертатсия ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав диссертатсияи мазкурро чун кори илмии мукаммал ва анҷомёфта эътироф менамояд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» ба ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсияи Шаробова Маҳбуба Қурбонмуродовна дар мавзуи «Мавқеи жанри ғазал дар эҷодиёти Ашур Сафар» барои дарёфти дараҷаи номзадӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ тавсия дода мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи муштараки кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав қабул шудааст. Суратмаҷлиси №6, аз 27-уми январи соли 2023

Дар ҷаласа иштирок доштанд 12 нафар докторон ва номзадони илм. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» 12 нафар, «муқобил» нест, «бетараф» нест, суратмаҷлиси №6, аз 27.01.2023.

Раискунанда: н.и.ф., мудири
кафедраи забон ва адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Данғара — Абдулманнонзода М.А.

Мудири кафедраи адабиёти тоҷики
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав, н.и.ф., дотсент: — Аҳмадов С.

Котиби ҷаласа: н.и.ф., — Усмониён Н.У.

Имзои С.Аҳмадовро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрхо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав — Шукурзод Ҷ.А.

Имзои А.М.Абдулманнонзода,
У.Н.Усмониёнро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Данғара — Ҷаббори Н.Ҷ.

Суроға: 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, ноҳияи Данғара, кӯчаи Марказӣ, 25
E- mail: dddangara2013@mail.ru